**№2006/13.1-д аз 10.02.2020**

Сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, Раёсатҳо ва мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимияти дуруст ба қайди давлатӣ гирифтани моликияти зеҳнӣ ва додани ҳуқуқи истифодаи он ба дигар субъектҳое, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, мавриди баррасӣ қарор дод.

Таҳлилҳо ва корҳои назоратӣ дар самти истифодабарии моликияти зеҳнӣ ва додани ҳуқуқи истифодаи он ба дигар субъектҳое, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд нишон дод, ки уҳдадории андозие, ки аз ин амалиётҳо, яъне андозбандии даромад дар шакли роялти, ки дар банди з) қисми 24 ва бандҳои б),в),г),д),е) қисми 41 моддаи 17 Кодекси андоз муайян карда шудааст, аз тарафи андозсупорандагон риоя карда намешавад ва аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз дар ин самт корҳои назоратӣ ба пуррагӣ ба роҳ монда нашудааст.

Қайд намудан зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 декабри соли 2001 як қатор санадҳои байналмилалии соҳаи хифзи моликияти саноатӣ, зеҳнӣ ва таснифи байналмилалии молҳо ва хизматрасониҳоро эътироф намуда, расмиёти дохилидавлатиро ба анҷом расонидааст.

Дар соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ” қабул гардид, ки ҳамчун қонуни махсус муносибатҳоеро, ки вобаста ба ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодабарии тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ ба вуҷуд меоянд, танзим менамояд (минбаъд Қонун).

Мувофиқи моддаи 4 Қонун ҳифзи ҳуқуқии тамғаи молӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси бақайдгирии давлатии он тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонун ё дар асоси санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби Тоҷикистон эътироф гардидаанд, дода шуда, ҳуқуқ ба тамғаи молӣ бо қонун ҳифз карда мешавад.

Дар асоси муқаррароти моддаи 5 Қонун барои тамғаи молии бақайдгирифташуда шаҳодатномаи тамғаи молӣ дода мешавад ва чунин

шаҳодатнома аввалияти тамғаи молӣ, ҳуқуқи истисноиро ба тамғаи молӣ нисбат ба молҳои дар шаҳодатнома зикргардида тасдиқ менамояд.

Мутобиқи талаботи моддаи 6 Қонун ҳуқуқи истисноӣ ба тамғаи молӣ танҳо ба соҳибмулки он дода шуда, соҳибмулк ҳуқуқ дорад тамғаи молиро истифода барад ва истифодабарии онро аз ҷониби шахсони дигар манъ намояд. Ягон шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ҳуқуқ надорад, ки тамғаи молии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшавандаро бе иҷозати соҳибмулк истифода барад.

Тибқи муқаррароти моддаи 30 Қонун, ҳуқуқи истисноӣ ба тамғаи молӣ (гузашт кардани тамғаи молӣ), метавонад аз ҷониби соҳибмулк (соҳибҳуқуқ) ба шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ тибқи шартнома оид ба вогузоркунии ҳуқуқи истисноӣ ба тамғаи молӣ, вогузор карда шавад ва чунин шартнома мутобиқ ба талаботи моддаи 32 Қонун бояд дар Маркази миллии патенту иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шавад.

Мувофиқи талаботи моддаи 958 Кодекси граждании чунин шартномаҳо ҳамчун шартномаи консессияи тиҷоратӣ муайян карда шуда, тибқи шартномаи консессияи тичоратӣ як тараф (дорандаи ҳуқуқ) ӯҳдадор мешавад, ки ба тарафи дигар (истифодабаранда) **бо пардохти подошпулӣ** барои мӯҳлати муайян ё бидуни зикри мӯҳлат барои фаъолияти тиҷоратии истифодабаранда маҷмӯи ҳуқуқҳои худро вобаста ба ҳуқуқи номи фирмавӣ ва (ё) аломати тиҷоратӣ, тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонӣ ва дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки дар шартнома пешбинӣ шудаанд диҳад.

Бояд қайд намуд, ки истифодабарандагони тамғаҳои молии ширкатҳои машҳури ҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯз то рӯз зиёд шуда истодаанд, ки соҳибмулкони ҳуқуқии ин тамғаҳо ширкатхои бузурги трансмиллии хориҷӣ мебошанд.

Чи хеле дар боло зикр карда шуд, истифодаи нишони молӣ танҳо бо пардохти подошпулӣ барои мӯҳлати муайян ё бидуни муҳлат аз тарафи шахси истифодабаранда имконият дорад ва мувофиқи талаботи моддаи 961 Кодекси гражданӣ подошпулӣ тибқи шартномаи консессияи тиҷоратӣ аз ҷониби истифодабаранда ба дорандаи ҳуқуқ дар шакли **пардохтҳои собитшудаи якдафъаина ё давра ба давра, маблағгузаронӣ аз даромад, илова кардани нарх ба нархи яклухти моле, ки дорандаи ҳуқуқ барои фурӯхтан медиҳад** ё дар шакли дигари пешбининамудаи шартнома пардохта шуданаш мумкин аст.

Бинобар ин, мувофиқи муқаррароти қисмҳои 1 ва 6 моддаи 128 Кодекси андоз даромади ғайрирезидент аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муассисаи доимии ҳамин ғайрирезидент дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут намебошад, аз манбаи пардохт ҳамчун даромади умумӣ, бе тарҳи хароҷот (ба истисноӣ тарҳи андоз аз арзиши иловашуда дар ҳолати андозбандӣ мутобиқи моддаи 177 Кодекси андоз) бояд тибқи Кодекси андоз бо меъёри 15% андозбандӣ гардида, мувофиқи

қисми 5 ҳамин модда, новобаста ба шакл ва маҳали пардохти даромад, ситонида шавад.

Мувофиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 125 Кодекси андоз шахсе, ки чунин даромадро пардохт менамояд, барои ситонидан ва ба буҷет гузаронидани андоз ҷавобгар мебошад. Агар маблағи андоз сари вақт ба буҷет гузаронида нашавад, шахси даромад пардохткунанда ӯҳдадор аст маблағи андози нигоҳдоштанашуда ва ба буҷет гузарониданашударо, инчунин ҷаримаҳо ва фоизҳои дахлдорро аз ҳисоби худ ба буҷет гузаронад.

Ҳангоми гузашт кардани тамғаҳои молие, ки соҳибмулкони онҳо резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ғайрирезидентҳое, ки фаъолияташонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаи доимӣ амалӣ менамоянд, мебошанд, андозбандӣ вобаста аз низоми бақайдгирифташуда амалӣ карда мешавад. Аз ҷумла, ҳангоми андозбандии андозсупорандагони низоми умумӣ, барои муайян намудани объекти андозбандӣ бояд муқаррароти моддаи 106 Кодекси андоз ва барои андозбандии андозсупорандагони низоми соддакардашуда муқаррароти моддаи 292 Кодекси андоз ба роҳбарӣ гирифта шавад.

Ҳамзамон, назорати татбиқи дурусти Созишномаҳо оид ба пешгири кардани андозбандии дукарата ва аз байн бурдани канорагирӣ аз андозсупорӣ аз даромад ва сармоя дар мақомоти ҳудудии андоз ғайриқаноатбахш буда, аз ҷониби андозсупорандагон муқаррароти умумӣ ва махсус доир ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ки дар бобҳои 20 ва 21, Зерфасли 5 Кодекси андоз муайян карда шудааст, ба таври дахлдор риоя карда намешавад.

Қобили қайд аст, ки оиди чораҷӯи намудан дар самти болозикр Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мактуби дастурӣ аз 18 январи соли 2016, №418/12.1, мақомоти ҳудудии андозро огоҳ намудааст.

Аз ин лиҳоз, мақомоти ҳудудии андоз бори дигар вазифадор карда мешаванд, ки татбиқи амалии талаботи муқаррарнамудаи Кодекси андозро дар мавриди татбиқи созишномаҳои байналмилалӣ таҳти назорат қарор дода, барои саривақт ҳисоб ва ба буҷет пардохт намудани андозҳо чораҷӯӣ намоянд. Инчунин, дар мухлати кӯтоҳтарин рӯйхати андозсупорандагоне, ки дар фаъолияти солҳои 2014-2019 муқаррароти Созишномаҳо оид ба пешгири кардани андозбандии дукарата ва аз байн бурдани канорагирӣ аз андозсупорӣ аз даромад ва сармояро истифода намудаанд ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд.

Илова ба ин, ҷиҳати баҳодиҳӣ ва барои муайян намудани дараҷаи хавфи канораҷӯии андозсупорандагоне, ки объектҳои моликияти зеҳниро дар фаъолияти худ истифода бурда, аз пардохти роялти худдорӣ менамоянд, ҷиҳати муайян намудани манбаҳои андозбандӣ ба мақомоти ҳудудӣ дастур дода мешавад:

1. Руйхати андозсупорандагоне, ки дар фаъолияти худ ҳуқуқи номи фирмавӣ ва (ё) аломати тиҷоратӣ, тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонӣ ва дигар объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки ба шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқии ғайрирезидент таалуқ доранд ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад, инчунин, ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ дар ҷараёни истихроҷи маъданҳои фоиданок ва (ё) коркарди зухуроти техногенӣ, истифодаи ҳуқуқҳои муаллифӣ, таъминоти барномавӣ, патентҳо, нақшаҳо, тамсилаҳо, тамғаҳои савдо ё дигар моликияти зеҳнӣ ё додани ҳуқуқи истифодаи онҳо ба дигар шахсон, истифодаи таҷҳизоти саноатӣ, тиҷоратӣ ё илмию таҳқиқотӣ ё додани ҳуқуқи истифодаи онҳо ба дигар шахсон, ба кор бурдани ноу-хау, истифодаи кинофилмҳо, видеофилмҳо, сабтҳои овоз ё дигар шаклҳои сабт ё додани ҳуқуқҳои истифодаи онҳо ба дигар шахсон, расонидани кӯмаки техникии вобаста ба ин ҳуқуқҳои пешбинишуда ё даст кашидан аз истифодаи ин ҳуқуқҳо дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин ба Кумитаи андоз пешниҳод намоянд;

2. Вобаста ба пардохтҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо оид ба кору хизматрасониҳои ғайрирезидентҳо аз ҷониби андозсупорандагон, аз барномаи Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо (СМИИА) “Маълумотнома оиди пардохти андоз аз фоида” истифода карда шавад;

3. Ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагон, ҳангоми тартиб додани санадҳои санҷишӣ нисбати моликияти зеҳнӣ ва асоснокии истифодабарии он, аз ҷумла: даромади ғайрирезидент аз манбаи воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қисми 6 моддаи 128 Кодекси андоз пешбини шудааст дар фаъолияти соҳибкорӣ, дар алоҳидагӣ дарҷ карда шавад.

Раис Н.Давлатзода